**ХУЛОСАИ**

**комиссияи ташхиси Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-055-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Бобиев Исмоил Атоевич дар мавзӯи «Ташаккули баҳисобгирӣ ва ҳисоботи сегментӣ дар ширкатҳои саноати энергетика (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисод аз рӯи ихтисоси 08.00.12 - Ҳисоби муҳосибӣ, аудит ва омор пешниҳод шудааст**.

1.Мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионии Бобиев Исмоил Атоевич, зери унвони «Ташаккули баҳисобгирӣ ва ҳисоботи сегментӣ дар ширкатҳои саноати энергетика (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» ниҳоят муҳим ва рӯзмара буда дар сатҳи хуби илмӣ навишта шудааст. Он ҳамчун таҳқиқоти илмӣ ва мукаммали анҷомёфта дар соҳаи баҳисобгирӣ ва ҳисоботи сегментии ширкатҳои саноатӣ ба ҳисоб меравад. Мақсади таҳқиқоти диссертатсионии мазкур аз лиҳози иқтисодӣ-баҳисобгирӣ асоснок кардани мафҳумҳои сегментҳои фаъолият, сегментҳои ҳисоботӣ, ташкили баҳисобгирӣ ва ҳисобот аз рӯи он дар корхонаҳои саноатӣ, таҳлили истифодабарии талаботи СБҲМ дар раванди ташкили баҳисобгирӣ ва ҳисоботи сегментӣ, дар ин замина таҳияи пешниҳодоти илман асосноккардашуда ва тавсияҳои амалӣ барои мукаммалгардонии баҳисобгирӣ ва ҳисобот аз рӯи сегментҳои фаъолият дар низоми идоракунии ширкатҳои энергетикӣ мебошад, ки онҳо пурра иҷро гардида, пешниҳод ва хулосаҳо асоснок ҷамъбаст карда шудаанд.

2. Диссертатсия ба талаботи бандҳои 10 ва 11-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти № 505 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

Диссертатсияи пешниҳодшуда яке аз самтҳои таҳқиқшаванда дар соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ ба шумор меравад, ки он бо забони давлатӣ омода ва таҳия гардидааст.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба сифати заминаҳои асосии коркарди илмӣ доир ба масъалаҳои ташаккули баҳисобгирӣ ва ҳисоботи сегментӣ дар ширкатҳои саноати энергетика, натанҳо дар ҷараёни таълим, инчунин дар фаъолияти амалӣ мавриди истифода қарор гирифта метавонанд.

3. Мавзӯъ ва мазмуни диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси 08.00.12 -Ҳисоби муҳосибӣ, аудит ва омор, ки вобаста аз он ба Шӯрои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Коммисияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 – уми апрели соли 2017,

тахти №16 ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқат менамояд. Ҳамзамон, таҳқиқот ба талаботи Феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон унвонҳои илмӣ дода мешаванд ва бо қарори Раёсати комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27-уми апрели соли 2017, тахти №1/3 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

4. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 60 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 9 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонида шудаанд ва ҳамаи онҳо ба мазмун ва мундариҷаи диссертатсия алоқаманд мебошанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикоси худро ёфтанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 14-и тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор) мувофиқ мебошад.

5. Дар диссертатсияи Бобиев И.А., истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё маъхаз мавҷуд набуда, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият даровардa шуданд, ки аз риоя шудани банди 16-и тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор) гувоҳӣ медиҳад.

6. Дар диссертатсия ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи Бобиев И.А., маълумоти ғайрисаҳеҳ, аз ҷумла дар бораи корҳои аз тарафи докторант чоп нагардидаанд, мавҷуд нест.

Мутобиқи банди 55-и Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, тахти №505 тасдиқ гардидааст, ба ӯҳда гирифта, комиссия пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Бобиев И.А., дар мавзӯи «Ташаккули баҳисобгирӣ ва ҳисоботи сегментӣ дар ширкатҳои саноати энергетика (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисод аз рӯи ихтисоси 08.00.12 - Ҳисоби муҳосибӣ, аудит ва омор ба Шӯрои диссертасионии 6D.КОА-055-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои ҳимоя қабул карда шавад.

2. Бо пешниҳоди комиссияи ташхиси Шӯрои диссертатсионӣ муқарризони расмии диссертатсияи мазкур шахсони зерин тайин карда шаванд:

- **Шарифов Зариф Раҳмонович** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, мудири кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудити Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур;

- **Бобоев Мирзоҳаёт Усмонович** – дотсенти кафедраи молия ва қарзи Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд.

- **3**. Ба ҳайси муассисаи тақриздиҳандаи диссертатсия кафедраи баҳисобгирӣ, таҳлил ва аудити Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон тайин карда шавад.

**4.** Барои нашри эълон оид ба ҳимояи минбаъда ва ҷойгир намудани автореферат дар сомонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссия:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,
аъзои Шӯрои диссертатсионӣ **Қурбонов А.К.**

**Аъзоёни комиссия:**
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент,
аъзои Шӯрои диссертатсионӣ **Калемуллоев М.В.**

номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент,
аъзои шӯрои диссертатсионӣ **Тоҳирова Р.С.**